**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 -и назди Доиишгоҳи миллии Тоҷикистои (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Дилшод Шарифӣ дар мавзӯи «Нақши созмоиҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D051300 – иқтисодиёти ҷаҳон пешниҳод шудааст.**

**Муҳиммияти мавзӯи диссертатсия.** Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта нишон дод, ки ягон давлат бе иштироки мустақилона дар раванди ҳамгироии ҷаҳон, бе ҳамкории мутақобилан судманди иқтисодӣ бо давлатҳои дигари ҷаҳон ва созмонҳои иқтисодии байналмилаллӣ пешрафти иқтисодии мамлакатро таъмин карда наметавонад. Мувофиқи қоида ҳар чӣ қадар мамлакат амиқтар ба фазои иқтисодии ҷаҳонӣ дохил шуда бошад, ҳамон қадар бештар пешрафти иқтисодиёти дохилии худро таъмин карда метавонад. Дар хоҷагии ҷаҳонӣ имрӯза робитаҳои иқтисодии хориҷӣ омили муҳимтарине мебошад, ки ба пешрафти мунтазам ва устувори иқтисодиёти миллӣ, ташаккули сохтор ва фаъолияти самаранокии он таъсири назаррас мерасонад.

Имрӯзҳо барои аксари давлатҳои ҷаҳон ҳарчи бештар бароҳмонии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ яке аз омилҳои асосии суръатбахшандаи пешрафти иқтисодиёти мамлакат гардидааст. Бароҳмонии истеҳсолот бо мақсади афзун намудани номгӯй ва маҳсулоти истеҳсолшуда дар ду даҳсолаи охир боиси ба қатори давлатҳои нави саноатии ҷаҳон дохил шудани якчанд давлатҳои қафомонда гардид. Бо оғози асри нав созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ мавқеи хосаеро дар раванди ҳамгироии глобалӣ мебозанд. Мувофиқи талаботи имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳон барои робитаҳои иқтисодии хориҷӣ хусусияти ба худ хоси мунтазам афзоянда, либерализатсия, диверсификатсияи шакл ва

намудҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ хос аст. Дар байни хусусиятҳои хоси номбурда дар пешрафти робитаҳои иқтисодии хоҷагии ҷаҳонӣ имрӯзҳо тамоюли шакли диверсификатсионии ҳамкорӣ нақши бузург мебозад.

Аз гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки муайян сохтани роҳҳои баландбардории самаранокии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ, дарёфт намудани имкониятҳои нави баландбардории он муаммои хеле мубрами илми иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, мавзӯи интихобнамудаи муаллиф актуалӣ ва сари вақти арзёбӣ мешавад.

**Сатҳи асоснокии муқарароти илмӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳои рисола.**

Қисмати назариявию методологии тадқиқоти рисола ба асарҳои фундаменталии олимони шинохтаи хориҷӣ ва ватанӣ, ки ба тадқиқоти масъалаҳои баландбардории самаранокии ҳамкориҳо бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ таалуқ доранд асос меёбад. Ҳангоми тадқиқот муаллиф низ корҳои илмии олимон - иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои конференсияҳо, санадҳои амалкунандаи қонунгузорӣ ва маъмурӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба масълаҳои робитаҳои иқтисодии хориҷӣ аз ҷумла созмонҳои иқтисодии байналхалқӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ, дуруст истифода намудааст.

Дар раванди тадқиқот муаллиф дуруст аз усулҳои умумӣ ва махсус истифода шудаанд: индуксия ва дедуксия, синтез ва таҳлили муқоисавӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ, мантиқӣ – назариявӣ, иқтисодӣ – математикӣ ва синтез истифода кардааст. Ҳамаи ин шаҳодати сатҳи илмӣ асоснок ва дурустии таҳлил ва натиҷаҳои рисоларо баҳогузрӣ менамояд.

**Сохтор ва мундариҷаи кор.** Сохтори рисола, мақсад ва вазифаҳои гузошта мантиқан дуруст мебошанд. Хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ, пешниҳодҳои муаллиф илмӣ асоснок арзёбӣ намудан мумкин аст, чунки онҳо ба назарияву методологияи ҷойдошта ва усулҳои навтарини

тадқиқотӣ такя мекунанд.

Рисолаи такризшаванда аз сарсухан, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, руйхати адабиёт иборат мебошад.

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзӯъ, мақсад, вазифаҳо, предмет ва объекти тадқиқот, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола мантиқан дуруст баён гардидаанд.

**Дар боби якум - «Асосҳои назариявӣ ва методологии муайянсозии нақш ва мавқеи созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ»** масъалаҳои асосҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон, гурӯҳбандии созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ ва марҳилаҳои рушди онҳо, инчунин нақш ва вазифаҳои асосии созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар хоҷагии ҷаҳон, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар параграфи якум оид ба асосҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон ақидаҳои олимону дохиливу хориҷӣ таҳлил шуда, дар асоси он ақидаи муаллиф дар бораи хусусиятҳои умумӣ ва марҳилаҳои ташаккули созмонҳои иқтисодии байналмлалӣ пешниҳод шудааст. (с. 26-27).

Дар параграфи дуюм гурӯҳбандии созмонҳои иқтисодӣ ва марҳилаҳои рушди онҳо, усулҳои комплексии гурӯҳбандии СИБ муайян карда шудааст, зеро он ба муайянсозии самтҳои имконпазири ҳамкорӣ ва таснифоти созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ дар самти танзими бисёрҷонибаи муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ тасниф карда шудааст (с. 27-49).

Дар параграфи сеюм нақш ва вазифаҳои асосии созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ мавриди тадқиқот қарор дода шудааст. Бартарияти ин қисмати рисола аз он иборат аст, ки муаллиф аҳамият ва

нақши СИБ – ро дар густариши савдои берунии иқтисоди миллӣ муайян намудааст (с. 50-65).

**Дар боби дуюм «Баҳодиҳии нақши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** мавриди таҳлил қарор дода, мониторинги нақши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ, баҳодии созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ аз ҷумла, Хазинаи байналмилалии асъор ва гурӯҳи бонки ҷаҳонӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбии тамоюли онро бо истифодаи методҳои баҳодиҳии муосир таҳқиқ кардааст.

Дар параграфи якуми боби 2-юм, муаллиф ҳаҷми умумии уҳдадориҳо аз рӯи созишномаҳои амалкунанда дар тули солҳои 2002-2018 (с.67-73) миқдори лоиҳаҳои сармоягузории СИБ дар бахшҳо(с. 75.) ҷараёни тағйирёбии кӯмаки СИБ аз рӯи минтақаҳо барои солҳои 2005-2018(с. 77.) ва инчунин ҳаҷми сармоягузориҳои донорҳои асосии СИБ дар солҳои 1991-2018 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлили асоснок кардааст (с. 78-84).

Дар параграфи дуюм таъсири сармоягузориҳои СИБ ба рушди ММД - и Тоҷикистон муайян гардидааст(с. 85-103). Муаллиф дуруст хулоса кардааст, ки муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо СИБ барои татбиқи барномаҳои ҳаётан муҳим дар соҳаи энергетика, бунёди роҳ ва инфрасохтор, бахшҳои иҷтимоӣ ва саноат, инчунин қобилияти харидории аҳолӣ ба афзоиши воридоти таҷҳизот ва технологияҳое, ки дар истеҳсолот ва маҳсулоти истеъмолӣ истифода мешаванд, мусоидат менамояд(с. 85-103).

Дар параграфи сеюми боби дуюм бошад, сохтори азхудкунии маблағҳои сармоягузории гурӯҳи бонки умумиҷаҳонӣ аз рӯи бахшҳо дар солҳои 2002-2018, сармоягузории гурӯҳи бонки умумиҷаҳонӣ аз рӯи минтақаҳо(с. 116.).

Дар маҷмуъ муаллиф дар ин боб таҳлили нишондиҳандаҳои хазинаи байналмилалии асъор ва гурӯҳи бонки ҷаҳонӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳолати молиявӣ, омилу сабабҳои тағйирёбии онҳоро ҳаматарафа баррасӣ намуда, барои такмили муносибатҳо дар доираи созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ пешниҳодҳое, ки аз таҳлили гузаронида бармеоянд, манзур намудааст.

Дар **боби сеюм «Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ»** чанде аз самтҳои имконпазири рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ, инчунин вазифаҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ бо СИБ – ро пешниҳод намудааст. Дар раванди омӯзиши масъала коркарди модели амалиёт дар бозорҳои молиявӣ вобаста ба муносибати СИБ дар хусуси таҳлили лоиҳаҳои сармоягузории экологӣ оварда шудааст.

Инчунин коркарди мукаммалгардонии алгоритми муносибатҳои кишварро бо СИБ аз нигоҳи манфиатҳои миллӣ таҳия намудааст, ки мавриди дастгирӣ мебошад. Муаллиф дар асоси тадқиқ ва таҳлил хулосаву натиҷаҳои илмӣ ва амалиро барои ҷалби сармоягузориҳои СИБ ва баланд бардоштани эътимоди онҳо механизмҳои нав ва такмили институтсионалии ҷалби сармоягузориҳои СИБ пешниҳод кардааст, бо мақсади устуворгардонии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ мусоидат менамояд.

**Эътимоднокии баёнияҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои дар рисола овардашуда.** Базаи иттилоотӣ-эмпирикии тадқиқотро маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, маводҳои вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манбаи маълумотии шабакаи ҷаҳонии интернет

низ истифода шудааст.

Истифодабарии асосҳои назариявӣ ва методологӣ, усулҳои ҳозиразамони татқиқотӣ, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, маълумотҳои расмӣ ва оморӣ, иловатан татбиқи гузаронидани натиҷаи тадқиқот дар маҷалаҳои илмӣ ва конференсияҳо, дар умум, эътимоднокии хулосаю баёнияҳо ва пешниҳодҳои рисоларо тасдиқ менамояд.

**Навгонии тадқиқот ва хулосаҳои ба дастомадаи дар рисола овардашуда.** Натиҷаҳои асосии илмӣ, ки саҳми муаллифро дар ҳалли вазифаҳои муқараргардида ва муайян намудани навовариҳои илмии кори диссертатсионӣ нишон медиҳад, инҳоянд:

- асосҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ таҳлили гардида моҳияти иқтисодии онҳо аз нуқтаи назари муаллиф, аз як ҷониб, ҳамчун муассисаи гуногунҷанбаи муносибатҳои байнидавлатӣ бо ҳадафҳои мушаххаси мувофиқгардида, салоҳият ва мақомоти доимии худ, аз ҷониби дигар, ҷун шакли муташаккили ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ байни кишварҳо муайян шудааст;

- гурӯҳбандии шаклҳои созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ аз рӯи меъёри фаъолияти функсионалӣ ва минтақавӣ-ҷуғрофӣ, хусусияти ваколатҳо, тартиби қабул ва сафи созмон, тарзи ташаккулёбии онҳо ғузаронида шуда марҳилаҳои асосии ташкили онҳо ҷудо карда шудааст;

- баҳодиҳии нақши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ ҳамчун иштирокчӣ дарислоҳот ва рушди иқтисодиёти миллӣ тавассути барномаҳои мухталифи соҳавӣ таҳлил карда шудааст. Омӯзиши нақши СИБ дар ислоҳоти иқтисодии кишвар тавассути модели эмпирикии пешниҳодгардида ба роҳ монда шуд ва тавассути ин модел муайян гардид, ки дар раванди ислоҳот СИБ чи гуна таъсири худро ба иқтисодиёти кишвар мерасонанд;

- баҳодиҳии нақши ХБА ва гурӯҳи бонки умумиҷаҳонӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ ҳамчун созмонҳои молиявии байналмилалӣ тавассути ҳалли мушкилоти молиявии иқтисодиёти миллӣ ва таҳлили назариявии ХБА ва ГБУ таҳлил ва баҳогузорӣ гардид. Баҳогузории нақши ХБА ва ГБУ низ тавассути таҳлилҳои эмпирикӣ ба роҳ монда шуда, камбудиҳои асосии фаъолияти ин созмонҳо дар раванди рушди иқтисодиёти миллӣ муайян карда шудааст;

- самтҳои муосири беҳсозии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СИБ дар заминаи гузариш ба "иқтисодиёти сабз" пешниҳод шудааст. Самтҳои имконпазири рушди иқтисодиёти миллӣ дар доираи иқтисодиёти сабз гурӯҳбанди карда шуд, ки бевосита самтҳои асосии ҳамкориҳои судманд барои СИБ маънидор мегардад;

- модели транзаксионӣ барои таҳлили лоиҳаҳои сармоягузории экологӣ дар раванди ташаккули муносибатҳо дар доираи рушди "иқтисодиёти сабз" пешниҳод гардид. Дар асоси модели пешниҳодгардида мақсади қабули қарорҳои сармоягузориҳои фоидаовар муайян карда мешаванд.

Автореферати диссертатсия, мақолаҳои чопнамудаи муаллиф мақсад ва муҳтавои рисолаи диссертатсиониро дуруст ва пурра инъикос менамояд.

**Камбудиву норасоиҳои диссертатсия.** Дар баробари бартариҳои номбаршудаи рисолаи диссертатсионӣ, чанде камбудиҳоро қайд менамоем, ки характери тавсиявӣ дорад, аз ҷумла:

1. Сифати кор беҳтар мешуд агар муаллиф дар зербанди 1.3. таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи хориҷиро дар самти нақши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти онҳо дида мебаромад ва таҷрибаи онҳоро дар ҷумҳурии мо пешниҳод менамуд.

2. Зербанди 2.3. Баҳодиҳии нақши Хазинаи байналмилалии асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

дараҷаи лозимӣ таҳлил карда нашудааст. Дар ин самт нишондиҳандаҳо хеле зиёданд.

3. Сифати рисола беҳтар мешуд, агар муаллиф дар самти нақши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисоди миллӣ аз узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии савдо дар самти тавозуни пардохти мамлакат аз қабили содирот ва воридот мавқегирии мамлакат дар бозорӣ ҷаҳонӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ таҳлилҳо мегузаронид.

4. Муаллиф ба асарҳои олимони ватанӣ доир ба ин самт кам таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Агар аз онҳо васеъ истифода менамуд, ба ақидаи мо сифати рисола нисбатан беҳтар мегардид.

5. Дар кори диссертатсионӣ вазифа ва мақсадҳои СИБ нишон дода шудааст. Ба андешаи мо муаллиф бояд сатҳи амалишавии ин ҳамкориҳоро таҳлил мекард. Нишон додани ин ҳамкориҳо бе таҳлил самти илмӣ надорад.

6. Зербоби 3.2. ба мукаммалгардонии механизми институтсионалии таъмини ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ бахшида шудаст, аммо муаллиф доир ба такмили механизми рушди ҳамкориҳо аз ҷумла таъсис ва ташкили гурӯҳҳои байналмилалии молиявӣ, ташкили фаъолияти инвеститсионӣ, таъсиси филиалҳои бонкҳои байналмилалӣ баҳри иҷрои амалиёти қарздиҳи ба иқтисодиёти мо таҳия менамуд ба ақидаи мо сифати кор хеле баланд мешуд.

7. Дар рисола хатогиҳои имлоӣ ҷой доранд ва муаллифро зарур аст ба ин самт таваҷҷӯҳ зоҳир намояд.

**Хулоса оиди мутобиқати диссертатся ба талаботҳои муқарарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Дилшод Шарифӣ дар мавзӯи: «Нақши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D051300 – иқтисодиёти ҷаҳон пешниҳод шудааст, кори мустақилона ба анҷом расида ва арзиши илмӣ дорад.

Дар хулоса чунин қайд менамоям, ки диссертатсияи пешниҳоднамудаи Дилшод Шарифӣ дар мавзӯи: «Нақши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD) ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии докторӣ фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D051300 – иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**Декани факултети иқтисодии**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** **Раҳимов П.С.**

**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Бохтар, кӯч. Айни 67 Тел: Моб: (+992) 905-77-4077**
**E-mail: payrav.rakhimov.90@mail.ru**

**Имзои Раҳимов П.С.- ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори ШК ДДБ ба номи Н. Хусрав** **Шукурзод Ҷ.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО